**Тақриз**

ба автореферати диссертатсияи Рустамов Шуҳрат Рустамович оиди ба мавзуи "Селексия доир ба тағйирпазирӣ ва ирсияти генотипҳои намуди пахтаи *Gossypium barbadense* L. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст.

Барои рӯёнидани чунин генотипҳо селексияи зироатҳои кишоварзӣ тавъамбандии усулҳои интихоби анъанавӣ, комёбиҳои бунёдӣ ва муносибатҳои методии физиологиву биотехнологии растаниҳо, генетика ва технологияҳоро бо назардошти талаботҳои саноат тақозо менамояд.

Унвонҷӯ Рустамов Ш.Р. Ирсияти аломатҳои арзишноку хоҷагидорӣ, аз қабили ҳосилнокӣ, зудрасӣ, баромади нах ва хусусиятҳои технологии онро омӯхта истода, аз ҷониби мо бори якум таъсири махсусиятҳои генетикии наъҳои пахтаи маҳиннах, ки аз нигоҳи баромад ва ба ирсият гирифтани аломатҳо дар наслҳо фарқ мекунанд, муқаррар карда шуд. Ҳамчунин дурагаҳои $F_2$ ва $F_3$-и пахта интихоб гардиданд.

Дар кори диссертатсионӣ Рустамов Шуҳрат Рустамович ба сифати маводи ибтидоӣ омӯзиши навъҳои пахтаи намуди G.barbadense L. 5595-В, 6465-В, 9123-В ва 6249-В истифода шуданд.

Усулҳои асосии кор аз дурагакунии байнинавъӣ, гардолудкунӣ бо омехтаи гарди гул, ҷуфтикунии дохилинамудӣ, ҷуфтикунии мустақим ва баръакс иборат буд, ки аз рӯйи нақшаи зерин гузаронида шуд: 6465-В х 9123-И, 9123-И х 6456–В, 6465-В х 6249-В, 6249-В х 6465-В,6465-В х 5595-В, 5595-В х 6465-В, 6465-В х омехтаҳои (6249-В+9123-И +5595-В), 9123-И х омехтаҳои (6465-В+6249-И +5595-В), 6249-В х омехтаҳои (6465-В+9123-И +5595-В), 5595 –В х омехтаҳои (6465-В+9123-И +6249-В), 9123 –И х 6249-В, 6249 –В х 9123-И, 9123 –И х 5595-В, 5595 –В х 9123-И, 6249 –В х 5595-В, 5595 –В х 6249-В, 6465-В-ҷуфтикунии дохилинавъӣ, 9123-И - ҷуфтикунии дохилинавъӣ, 6249-В-ҷуфтикунии дохилинавъӣ, 5595-В-ҷуфтикунии дохилинавъӣ гузаронида шудааст.

Саҳмӣ муаллиф дар ҷамъ овардани натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузарондаи ӯ назаррас буда таҷрибаҳои саҳроӣ натиҷаҳои анҷомёфтаи илман асоснокшуда мебошад.

Доир ба мавзуи диссертатсия 11 мақола бо ҳаҷми 5,0 ҷузъи нашрӣ, ки онҳо мазмуни асосии диссертатсияро таҷассум мекунанд, аз он ҷумла, 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

Кори диссертатсияи номзадии Рустамов Шуҳрат Рустамович дар сатҳи баланди илмӣ ба иҷро расонида шудааст.

Ҳангоми мутолиаи автореферат баъзе ғалатҳои техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки онҳо ислоҳшаванда буда, қимати кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд.

Дар асоси мазмуну мундариҷаи автореферат ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки кори таҳқиқотии Рустамов Ш.Р., кори илмии баанҷомёфта буда дар асоси талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Профессори кафедраи физиологияи растаниҳои
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисосӣ
03.01.05- Физиология ва биохимияи растаниҳо Эргашев А.

Имзои Эргашев А. – ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

23.02.2024

Суроға: 734025, шаҳри Душанбе
Хиёбони Рӯдакӣ, 17; ДМТ. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Тел: (+992) 221-77-11, тел/факс: 227-15-10
info@tnu.tj,сомонаи интернетӣ: www.tnu.tj